# ФАРМОИШИ
# РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» 01 соли 2025 № 09-09 ш. Душанбе

Дар бораи гузаронидани даври якуми (даври умумидонишгоҳӣ) озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» байни донишҷӯён, магистрантон, докторантони Ph.D ва унвонҷуёни Донишгоҳ

Мутобиқи банди 38 «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Барои дар сатҳи баланд баргузор гардидани даври якуми (даври умумидонишгоҳӣ) озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» байни донишҷӯён, магистрантон, докторантони Ph.D ва унвонҷуёни Донишгоҳ комиссия дар ҳайати зайл таъсис дода шавад:

– Сафармамадзода С.М. – муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, раис;
– Шоймардонов С.Қ. – сардори раёсати илм, муовини раис;
– Қосимов И.Л.– декани факултети механика ва математика, аъзо;
– Қодирзода З.А. – декани факултети физика, аъзо;
– Файзуллозода Э.Ф. – декани факултети химия, аъзо;
– Кароматуллои Қ. – декани факултети биология, аъзо;
– Андамиён Р.Ш. – декани факултети геология, аъзо;
– Каримзода Ф. – декани факултети фарматсевтӣ, аъзо;
– Изатуллозода А.С. – декани факултети тиббӣ, аъзо;
– Раҳимзода И.Р. – декани факултети иқтисод ва идора, аъзо;
– Саъдуллозода С.С.– декани факултети молия ва иқтисод, аъзо;
– Абдулмуминзода Н.А. – декани факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ, аъзо;
– Муродов Н. – декани факултети таърих, аъзо;
– Сафарализода Х.Қ. – декани факултети фалсафа, аъзо;
– Мирзозода П.З. – декани факултети ҳуқуқшиносӣ, аъзо;
– Ҷаъфаров С.Х. – декани факултети муносибатҳои байналхалқӣ, аъзо;
– Эмомалӣ С. – декани факултети филология, аъзо;
– Сайдализода Ш. – декани факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, аъзо;
– Икромзода Х.И. – декани факултети филологияи рус, аъзо;
– Қутбиддинов А.Ҳ. – декани факултети журналистика, аъзо;

– Комилов А.Қ. – мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ, аъзо;

– Гиёев Қ.Ҳ. – мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, аъзо;

– Раҳимов М.С. – мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ, аъзо;

– Назаров Т.А. – мудири кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ, аъзо;

– Мирализода А.М. – мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, аъзо;

– Раҳматуллоев Б.Қ. – сармутахассиси раёсати илм котиби масъул.

2. Дар ҳамаи факултетҳо ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ аз 03.02.2025 то 10.02.2025 озмуни умумидонишгоҳии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» байни донишҷӯён, магистрантон, докторантони Ph.D ва унвонҷуён гузаронида шуда, то 13.02.2025 корҳои илмию таҳқиқотии беҳтарини донишҷуён, магистрантон, докторантони Ph.D ва унвонҷуёнро бо нусхаи суратмаҷлиси комиссияи озмунӣ бо тақриз ва баҳои роҳбари илмӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ ба сармутахассиси раёсати илм Раҳматуллоев Б. Қ. пешниҳод намоянд.

3. Ба деканони факултетҳо ва мудирони кафедраҳои умумидонишгоҳӣ супориш дода шавад, ки доир ба ихтисосҳои фаннӣ комиссияи озмунӣ аз ҳисоби олимони ботаҷриба таъсис диҳанд.

4. Корҳои ба озмун пешниҳодгардида бояд шартҳои зеринро фарогир бошанд:

Корҳое, ки ба озмун пешниҳод мешаванд, бояд ҷавобгӯи қонунгузории ҷумҳурӣ, қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатии дар самти илм қабулшуда бошанд.

- муҳиммияти мавзуъ;
- татбиқи амалии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ;
- ҷанбаҳои қавии илмӣ доштани мавзуъ.
- дорои навгони ва қобилияти ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ дошта бошад.

5. Талабот ба кори озмунӣ чунин аст:

- Варақаи унвонии кори озмунӣ. Варақаи унвонӣ аз ду саҳифа иборат аст: дар саҳифаи аввал сабти номи муассиса, номи мавзуъ, бахш, иҷрокунанда бо нишондоди курс, ихтисос, факултет ва роҳбари илмӣ пешбинӣ карда мешавад, ки намунаи он дар замимаи 1 оварда шудааст; дар саҳифаи дуюм танҳо номи мавзӯъ зикр мешавад;
- мавҷудияти нақшаи кор, сарсухан, иқтибос (то 30%), хулоса, феҳристи адабиёт ва саҳифабандии кор;
- пешниҳоди корҳои илмӣ бо тақриз ва баҳои роҳбари илмӣ;
- ҳаҷми кор – кори озмунӣ бояд на камтар аз 16 саҳифаи андозаи А4 (ҳуруфи Times New Roman Tj, 14, фосилаи 1,5 бо андозаи боло 2 см, поён 2 см, рост 1,5 см ва чап 3 см) таҳия карда шавад;
- ба инобат гирифтани қоидаҳои имлои забони давлатӣ (ба истисноӣ корҳое, ки ба забонҳои дигар пешниҳод мешаванд);

- асардуздӣ (плагиат) набудани корҳо (маълумотномаи барномаи Антиплагиат ба кор замима мегардад). Асолати корҳои ба озмун пешниҳодшаванда аз 60% бояд боло бошад.

6. Сармутахассиси раёсати илм оид ба Ҷамъияти илмии донишҷӯён Раҳматуллоев Б. Қ. вазифадор карда шавад, ки корҳои илмии ҷойи аввал ишғолнамударо (аз рӯйи бахшҳои зикргардида) барои иштирок дар даври хотимавии озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» байни донишҷӯён, магистрантон, докторантони Ph.D ва унвонҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардонад.

7. Ба сардори шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо Ҳайдарова С. А. супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро нусхабардорӣ намуда, ба сохторҳои дахлдор ирсол намояд.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С. М. вогузор карда шавад.

Асос: Мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №07(47)04-42 аз 21.01.2025

Ректор Насриддинзода Э. С.